*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 116 (4699) | ЧОРШАНБЕ, 27 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МАШВАРАТИ КОРӢ

**27-уми сентябри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо иштироки Раиси Маҷлиси миллӣ, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ, Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент, роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ машварати корӣ доир намуданд.**

Вазъи корҳо дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҷамъоварии саривақтии ҳосил, омодагӣ ба зимистони дарпешистода, аз ҷумла ба фасли сармо омода намудани муассисаҳои иҷтимоӣ, аҳолӣ, инфрасохтори роҳу нақлиёт ва захираи маҳсулоти ғизоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои асосии машварати корӣ буданд.

Роҳбари давлат доир ба масъалаҳои зикршуда ба ширкаткунандагони машварат ва роҳбарони дигар сохтору мақомот супоришҳои мушаххас доданд.

Пешвои миллат масъалаи даъвати тирамоҳии ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ ва муташаккилона гузаронидани он, инчунин, бо сарулибос ва озуқаворӣ ҳар чӣ беҳтар таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро махсус таъкид намуданд.

## НОМАИ ТАСАЛЛИЯТ



**23-юми сентябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Италия муҳтарам Серҷо Маттарелла номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Ҷаноби Олӣ!

Хабари даргузашти собиқ Президенти Ҷумҳурии Италия Ҷорҷо Наполитано боиси андуҳи мо гардид.

Ҷаноби Наполитано бо фаъолияти сиёсии доманадори худ ҳамчун шахсияти боризи давлатӣ дар ҷомеаи Италия ва берун аз паҳнои он шинохти умум пайдо карда, соҳиби обрую эътибори шоиста гардида буд.

Ҷониби Тоҷикистон нақши марҳумро дар таҳкиму тавсеа ва рушди равобити неку ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Италия қадрдонӣ менамояд ва ба шахсияти ӯ эҳтиром мегузорад.

Лутфан, таъзияи самимии инҷонибро ба ҳамаи пайвандону наздикони ҷаноби Наполитано ва мардуми дӯсти Италия бирасонед».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ

**26-уми сентябри соли 2023 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муовини Сарвазир оид ба соҳаи кишоварзӣ, вазири кишоварзӣ, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Лахш, Тоҷикобод, Рашт, Панҷ, Ҷайҳун, Шаҳритус ва Қубодиён суҳбати телефонӣ анҷом дода, ҳисоботи роҳбарони зикршударо доир ба вазъи корҳо дар соҳа ва ноҳияҳои мазкур шуниданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони мақомот ва ноҳияҳои зикршударо вазифадор намуданд, ки доир ба омодагӣ ба зимистони дарпешистода, пеш аз ҳама, ба фасли сармо омода намудани муассисаҳои иҷтимоӣ ва аҳолӣ, сари вақт ҷамъоварӣ кардани ҳосили пахта, картошка, меваю сабзавот ва таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Пешвои миллат, инчунин, масъалаи дар ҳар як оила захира намудани маҳсулоти озуқа ва тухмии аълосифати зироатҳои кишоварзиро барои соли оянда махсус таъкид намуданд.

www.prezident.tj

## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**26-уми сентябри соли 2023 дар бинои Ҳукумати мамлакат таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис нахуст «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2026-2027» ҳисоботи шахсони масъул шунида шуд.

Таъкид гардид, ки фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сифатнок ва сари вақт таҳия намудани дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ мегардад.

Супориш дода шуд, ки вазорату идораҳои дахлдор то 1-уми июни соли 2024 лоиҳаи «Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ва параметрҳои он барои солҳои 2026-2027»-ро ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Дар кори маҷлис лоиҳаҳои якчанд қонунҳо, аз ҷумла лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» баррасӣ гардида, барои муҳокима ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол шуданд.

Аъзои Ҳукумати мамлакат се пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, барои муҳокима ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

Дар кори маҷлис, ҳамчунин, масъалаҳо «Дар бораи Консепсияи сиёсати кадрии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2043» ва «Дар бораи низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» баррасӣ гардид.

Баъди баррасии масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвазири мамлакат муҳтарам Қоҳир Расулзода ба вазоратҳо ва идораҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба иҷрои саривақтии дастурҳои маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои мушаххас доданд.

Супоришҳои дигар, ҳамчунин, барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани маъракаи тирамоҳу зимистон, захираи кофии молу маҳсулоти мавриди ниёзи аввал ва афзоиши истеҳсолу содироти маҳсулоти кишоварзӣ дода шуданд.

**АМИТ «Ховар»**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту панҷуми сентябри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Дар хусуси Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ба объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста дар шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ», «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберии байналмилалӣ» ва «Дар бораи Протоколи чорум оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба молия иқтисод Маҳмадалӣ Қурбонзода, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода, оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ва оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода ба баррасии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, масъалаҳо «Оид ба такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти муҳандисӣ», «Оид ба такмили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», «Оид ба таъсиси гурӯҳи корӣ дар бораи такмил додани лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» мавриди баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба онҳо қарор қабул карда шуд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи якуми Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

## ЧӢ ТАВР ЗӮРОВАРИИ ГЕНДЕРИРО МЕТАВОН РЕШАКАН КАРД?

**Солҳои охир масъалаи зӯроварии гендерӣ дар саросари ҷаҳон ба яке аз масъалаҳои муҳими рӯз мубаддал гардида, дар нишасту ҷаласаҳои созмонҳои ҷамъиятию давлатӣ, миллию байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки ин бесабаб нест. Ҷомеаи байналмилалӣ солиёни зиёд ба масъалаи зӯроварии гендерӣ дахолат намекард, зеро чунин меҳисобид, ки ин масъала хусусияти шахсӣ дошта, конвенсияҳои байналмилалӣ ба он таъсир намерасонад. Бо назардошти зиёд шудани шумораи низоъҳои миллӣ афзоиши зӯроварии гендерӣ дар ҷомеа на танҳо нисбат ба занону духтарони алоҳида, балки кулли гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад.**



Вобаста ба мушкилоти мазкур 19-уми сентябри соли равон дар меҳмонхонаи «Ҳаят Реҷенсӣ» дар мавзӯи «Ташаббусҳои сиёсӣ оид ба мубориза бо зӯроварии гендерӣ дар Осиёи Марказӣ» машварат баргузор гардид, ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшиносон, намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ ва коршиносон ширкат намуданд.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ Дилрабо Мансурӣ зимни ифтитоҳи машварат иброз намуд, ки Ассамблеяи генералии СММ 20-уми декабри соли 1993 «Эъломия дар бораи маҳкум кардани зӯроварӣ нисбат ба занон»-ро қабул намуд. Дар доираи Даҳсолаи амали СММ оид ба баробарии гендерӣ бошад, мардуми саросари ҷаҳон муваззаф гардиданд, ки «Аз сухан ба амал» гузаранд ва барои ба даст овардани Ҳадафҳои рушди устувор дар самти зӯроварии гендерӣ якҷоя мубориза баранд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ИШТИРОКИ ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН ДАР КОРИ ИҶЛОСИЯИ САТҲИ БАЛАНДИ СММ



**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Ҷамъияти байналмилалии парлумони давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ Ҷамшед Муртазозода рӯзҳои 20-25-уми сентябри соли 2023 бо даъвати Шабакаи ҷаҳонии «Глобал ТВ Кокус» дар кори Иҷлосияи сатҳи баланди СММ оид ба бемории сил, дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико иштирок ва суханронӣ намуд.**

Дар ҷаласа таъкид шуд, ки бемории сил - бемории дар ҷаҳон хеле паҳнгардидаи бактериявии инсон ва ҳайвонот буда, барангезандаи он микобактерияи сил (чӯбчамикроби Кох) мебошад. Бемории сил (БС), асосан, ба шуш осеб расонида, баъзан ба узвҳо ва системаҳои дигар низ асар мегузорад.

Соли 1882 дар Олмон Роберт Кох пас аз 17 соли кор дар лаборатория барангезандаи бемории силро кашф намуд, ки онро батсилаи Кох (БК) ва ё чӯбчамикроби Кох номиданд. Ҳангоми зери микроскоп таҳқиқ намудани балғами шахси гирифтори бемории сил, ӯ ин барангезандаро пайдо кард. Ҳоло духтурони силшинос аз истилоҳи МБС (микобактерияи бемории сил) истифода мебаранд.

Бемории сил аз бемор ба шахси солим тавассути ҳаво ва оби даҳон паҳн мегардад. Ҳангоми сулфазанӣ, атсазанӣ ва ё балғампартоӣ бактерияҳои бемории сил аз шахсони гирифтори ин бемор ба ҳаво пош мешаванд ва барои сироятшавии инсон танҳо нафас кашидани миқдори камтарини чунин бактерияҳо кифоя аст.

Тақрибан аз се як ҳиссаи аҳолии ҷаҳон дорои бемории сили ниҳонӣ мебошанд. Хавфи гирифтори бемории сил шудани онҳо дар тӯли ҳаёти худ даҳ фоизро ташкил медиҳад, аммо ба шахсоне, ки системаи масунияташон заиф аст, мисли беморони ВНМО, нокифоягии ғизо, диабет ва ё тамокукашӣ, хавфи зиёди дучоршавӣ ба ин беморӣ таҳдид мекунад.

Вакили Маҷлиси намояндагон Ҷамшед Муртазозода аз ҷумла гуфт, ки бемории сил аз давраҳои дерин то ба имрӯз ҳамчун мушкилоти хеле муҳими иҷтимоӣ ва тиббӣ арзи вуҷуд дорад. То асри XX бемории сил воқеан табобатнопазир буд. Айни замон барномаи маҷмӯавӣ таҳия карда шудааст, ки барои ошкор намудан ва табобат намудани ин беморӣ дар марҳилаҳои ибтидоии инкишофи он имконият фароҳам меорад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ЧӢ ТАВР ЗӮРОВАРИИ ГЕНДЕРИРО МЕТАВОН РЕШАКАН КАРД?

**(Идома аз саҳ. 1)**

- Солҳои навадуми асри гузашта мардуми кишварҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилоти зиёди сиёсию иқтисодӣ, равонию ҷисмонӣ дучор омаданд ва ин мушкилот ба рӯҳияи мардум ва сатҳи зиндагии онҳо бетаъсир намонд. Дар ин муддат масъалаи рушди маънавии инсон то андозае коста гардида, мушкилоти моддию молиявӣ ҷои арзишҳои дигари инсониро ишғол намуд. Дар Тоҷикистон низ масъалаи зӯроварии гендерӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими рӯз мубаддал гардида, занону духтарон бештар дучори зӯроварӣ мешуданд,- таъкид намуд Дилрабо Мансурӣ.

Номбурда зикр намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Сарвари давлат интихоб шуданашон дар роҳандозӣ намудани сиёсати босамари гендерӣ ва таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар кишвар иродаи қавии сиёсӣ нишон дода, масъалаи мазкурро мавриди таваҷҷуҳи хос қарор доданд.

Коршиноси барномавӣ оид ба масоили гендерии ЮНФПА (Бунёди нуфуси аҳолии Созмони Милали Муттаҳид) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Нилуфар Баҳромзода дар мавзӯи «Аҳамияти ҷамъоварии маълумот барои амалисозии сиёсати мубориза бо зӯроварии гендерӣ» маърӯза намуда, ёдовар шуд, ки бо мақсади муайян кардани сабаб ва оқибатҳои зӯроварии гендерӣ ҷамъоварии маълумот дар хусуси паҳншавии шаклҳои гуногунии зӯроварии гендерӣ муҳим аст. Ҷамъоварии факту рақамҳои мушаххас бо мақсади огоҳ намудани ҷомеа дар бораи зӯроварӣ нисбат ба занон барои ҷалби бештари таваҷҷуҳи ҳукумати кишварҳо ба мушкилоти мазкур ва андешидани тадбирҳои саривақтию зарурӣ мегардад. Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоиди ҳуқуқӣ ва нақша-чорабиниҳои таҳияшуда, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки ба рушди минбаъдаи қонунгузории гендерӣ дар кишвар мусоидат мекунад, қабул карда шудааст.

Нилуфар Баҳромзода зикр намуд, ки дар ҷамъоварии маълумот оид ба теъдоду сабабҳои қурбониёни зӯроварии гендерӣ баъзе нуқсонҳо ҷой доранд. Чунончи, дар аксар ҳолатҳо маълумот дар бораи ҷинс, синну сол, мавзеи рӯйдоди зӯроварии гендерӣ, муносибати зӯровар бо қурбонии зӯроварӣ зикр намешаванд. Ҳар қадар, ки вобаста ба параметрҳои ҳодисаи зӯроварӣ бештар маълумот гирд оварда шавад, ҳамон андоза хулосабарории дуруст таъмин ва боиси андешидани тадбирҳои зарурӣ мегардад.

Дар машварат инчунин, вазири тандурустии Япония, профессор Кейзо Такеми, муовини директори минтақавии ЮНФПА ВЕКАРО Ҷулия Валезе, директори иҷроияи Кумитаи қонунгузории Филиппин Ромео Дангето, узви парлумони Бангладеш Арома Датта ва дигарон ба тариқи онлайн суханронӣ карда, дар бораи мушкилоти ҷойдошта дар масоили гендерӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо, инчунин, рафти иҷрои қарорҳои Иҷлосияи Қоҳира (соли 1994) андешаҳояшонро баён карданд.

Вобаста ба ҳалли мушкилоти мазкур вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвина Маликзод, Гулбаҳор Ашӯрзода, Сурайё Дӯстмуродзода, Муҳаммад Шодиён ва коршиноси соҳа Гулҷаҳон Бобосодиқова назару пешниҳодҳои ҷолиб ироа намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи ҳуқуқи башар ва «Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна табъизи занон»- ро эътироф намудааст, ки иҷрои онҳо барои беҳдошти вазъи занон дар ҷомеа равона шудааст.

Ҳамзамон, моҳи майи соли 2014 Ҳукумати ҷумҳурӣ «Протоколи факултативии Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон»-ро тасдиқ намуд.

Воқеан, дар самти пешгирии зӯроварии гендерӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ як қатор корҳои неку шоиста анҷом дода шудаанд.

Нахуст Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки заминаи асосии қонунгузорӣ мебошад, ҳуқуқи баробар барои занон ва мардонро кафолат медиҳад.

Баъдан, соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ба тасвиб расид.

Дар заминаи фармони мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарии мардон ва занон ва имкониятҳои баробар барои татбиқи онҳо» (соли 2005) қабул гардид, ки муносибатҳоро барои таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарии мардон ва занон дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ танзим намуда, кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробар барои шахсони ҷинси гуногунро муқаррар менамояд.

- Албатта, барои ҳуқуқвайронкуниҳо нисбат ба занону духтарон ва дигар аъзои оила қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар намудааст, вале бе танзими ҳуқуқии пешгирии зӯроварӣ масъалаи мазкур номукаммал буд, бинобар ин зарурати дар сатҳи қонуни алоҳида ба низом даровардани ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омад. Бо назардошти ин барои ҳифзи бештари ҳуқуқҳои занон ва дигар аъзои оила, пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварӣ соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» қабул ва мавриди амал қарор гирифт. Қонуни мазкур яке аз муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат ба ҳисоб рафта, тавассути он ҳимояи ҳуқуқии оила ҳамчун асоси ҷамъият, танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар ин самт роҳандозӣ мегардад, - иброз намуд Дилрабо Мансурӣ.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир**
**Неъматулло АЛИЕВ**

# ДИГАРГУНИИ БУНЁДӢ

## Таъсис ёфтани парламенти думаҷлисаро дар сохтори давлатдорӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин тасниф кардаанд

**Понздаҳуми марти соли 2023 дар ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффорзода, Амонулло Хайрулло, Бахтиёр Аҳмадзода ва Комрон Исмоилиён таҳия гардидааст, қабул шуд. Шонздаҳуми июни соли 2023 дар Иҷлосияи чордаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қонуни мазкур аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ бо иттифоқи оро ҷонибдорӣ гардид. Мақсади иқдоми мазкур, ҳамон тавре муаллифон иброз доштанд, арҷгузорӣ ба нақш ва аҳамияти ҳокимияти олии қонунгузорӣ буда, тибқи он, минбаъд 26-уми сентябр Рӯзи Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуд.**



Воқеан, мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар таърихи давлатсозию давлатдории муосири мо нақши назаррас дорад. Маҳз, Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) 24-уми августи соли 1990 Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул кард, ки замина барои дастёб шудан ба истиқлолияти комил ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар, дар марҳилаҳои бениҳоят ҳассос, ки мақомоти дахлдор худро бетараф эълон карда буданд, охирин умеди аксарияти мардум, маҳз парлумон буд. Дар ҳамин давра ашхоси ба маънои том ватандӯст ба вакилони Шӯрои Олӣ муроҷиат намуданд, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар хотима гузоранд. Манзури ман баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум аст, ки вакилони мардумӣ, аз рӯи виҷдону масъулият аз байни худ Сарвари арзанда интихоб карданд ва бо ҳидояту роҳбарии ин Абармард Истиқлолияти давлатии бадастовардаро ҳифз намуда, якпорчагии хоки Тоҷикистон ва ҳамбастагии мардумро таъмин намуданд. Дар ин робита бамаврид аст ёдовар шавем, ки 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва Маҷлиси Олии (парламенти) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки интихобот ба даъвати якуми он 25-уми феврали соли 1995 баргузор гашт, мақоми олии намояндагӣ эътироф гардид. Дар раванди такомули аркони давлатдорӣ, ба мақоми мавриди назар таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, 26-уми сентябри соли 1999 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки боби сеюми он аз моддаи 48 то 63 ба Маҷлиси Олӣ бахшида шуд. Тибқи муқаррароти нав, Маҷлиси Олӣ, ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду маҷлис - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон таркиб ёфт. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки 26-уми сентябр муқаррар намудани Рӯзи Маҷлиси Олӣ - парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин сана рабт дорад.

Муҳимияти ин иқдомро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин тасниф кардаанд: «Таъсис ёфтани парламенти думаҷлиса дар сохтори давлатдории мо дигаргунии бунёдӣ мебошад ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ имрӯз ба яке аз рукнҳои боэътимоди мақоми қонунгузори кишварамон табдил ёфтааст, зеро мутобиқи Конститутсия аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ карда шудани қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон кафолати муҳими қабули қонунҳои мукаммал, босифат ва ҷавобгӯ ба манфиати мардум мебошад».

### МАҚОМИ НАМОЯНДАГИИ УМУМИМИЛЛӢ, КИ ДАР РУШДИ ДАВЛАТ НАҚШИ АРЗАНДА ДОРАД

- Қабл аз он ки доир ба вазифаҳо ва нақши Маҷлиси миллӣ дар рушду пешравии кишвар ҳарф занем, бояд ба дарки ин нукта бирасем, ки ин ниҳод чиро ифода мекунад. Агар ба таври мушаххас шарҳ диҳем, он мақомоти намояндагии умумимиллист, ки вазифаи қонунгузориро иҷро мекунад. Мақомоти намояндагист, ки дар он аҳолӣ ва минтақаҳои кишварро вакилони интихобгардида намояндагӣ мекунанд. Дар сохтори ҳокимияти давлатӣ мавқеи басо муҳим дошта, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди ҷомеа ва давлат, такмили фаъолияти қонунгузорӣ ва таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ нақши арзанда мегузорад,- таъкид намуданд Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ. Махсусияти дигари фаъолияти ин мақом дар он зоҳир мегардад, ки бахши асосии аъзои он намояндагони воҳидҳои марзиву маъмурӣ, яъне минтақаҳои кишвар буда, аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати дуюм 17-уми апрели соли 2000, Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати сеюм 15-уми апрели соли 2005, Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати чорум 23-юми апрели соли 2010, Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати панҷум 14-уми апрели соли 2015, Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати шашум 17-уми апрели соли 2020 баргузор гардиданд, ки дар онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуданд.

Тибқи муқаррароти Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат, тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулода, ризоят ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, таъини интихоботи Президент ва сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ дохил мебошад. Дар қонуни зикршуда салоҳияти Маҷлиси миллӣ дар алоҳидагӣ низ мушаххас шудааст, ки таъсис, барҳам додан ва тағйир додани сарҳади воҳидҳои марзию маъмурӣ, муқаррар намудан ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо, интихоб ва бозхонди раис, муовини якум, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент, бекор кардани дахлнопазирии раис, муовини якум, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, ризоят барои таъин ва озод намудани прокурори генералӣ, муовини якум ва муовинони ӯ, интихоби намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон ҷумлаанд.

Сохтори Маҷлиси миллӣ аз Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, Кумита оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология, Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон, Кумита оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ, Кумита оид ба иқтисодиёту коммуникатсия, Комиссия оид ба назорати дастур таркиб ёфта, аъзои он фаъолияти қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиш доранд. Месазад арҷгузорӣ намоем, ки дар даъвати кунунӣ аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо сармашқи кор қарор додани дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию давлатӣ рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намуда, дар ин замина пешравиҳои назаррас рӯи кор омаданд. Бо ибтикори Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ташкили муҳокимаҳои парламентӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид гардида, тавсияҳои дар онҳо қабулшуда ба рафъи мушкилоту камбудиҳои соҳаҳо таҳрик бахшиданд.

Дар ин давра робитаҳои байнипарламентӣ низ тақвияту тавсеа ёфта, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон узви ташаббускори Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди байнипарламентӣ, Ассамблеяи парламентии Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди парламентии Созмони ҳамкории исломӣ, Ассамблеяи парламентии осиёӣ ва Ассамблеяи парламентии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мебошад.

Фаъолияти мақоми мазкурро таҳлил намуда, муҳтарам Рустами Эмомалӣ барҳақ хулоса карданд, ки «қарору қонунҳои дар ин муддат ба тасвиб расонидаро метавон дорои арзиши муҳими сиёсию таърихӣ номид. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша сари вақт ва бо диққати моҳирона ҳимояи қонунии манфиатҳои ҳаётан муҳими кишварро таъмин намуда, дар ин муддат ба ҷузъи муҳими намояндагии воқеии воҳидҳои маъмурӣ, арсаи мушорикати мустақими онҳо дар низоми идоракунии мамлакат табдил ёфт».

### АЗ БАРРАСИИ 2492 САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ТО ҲАМКОРӢ БО 78 КИШВАРИ ОЛАМ

Тӯли фаъолият Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро қабул намуд, ки ба рушди соҳаҳои гуногун такони ҷиддӣ бахшиданд. Ба шарофати ин иқдом, дар бахшҳои иқтисодиёт, тандурустию иҷтимоӣ ва илму маориф навгониҳои назаррас рӯи кор омада, рушди бардавом таъмин гардид.

Ҳадафи санадҳои меъёрии қабулгардида дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва ташкили ҷойҳои кор ба ҳисоб рафта, ин ибтикор барои ҳалли мушкилоти соҳаҳо, мусоидат кард.

Дар ин раванд ба тавсеаи равобити байналмилалӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, бо 78 кишвари дунё гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис додааст. Ба шарофати ин иқдом таҷрибаи қонунгузории давлатҳои мутараққӣ дар раванди фаъолият васеъ истифода мегардад.

Қонунгузорӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Тӯли фаъолият беш аз 2 ҳазору 492 санади меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ин давра 386 қонун, аз ҷумла 58 қонуни мукаммал, 6 кодекс, 19 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 185 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 117 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо таҳия шуда, аз он 293 қонун қабул гардидааст.

Баргузории муҳокимаю соатҳои парламентӣ ва суҳбатҳои гирди миз замина фароҳам овард, ки вакилон тавассути таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузорӣ ва барномаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ба пешрафти иқтисодиёти кишвар саҳми босазо гузоранд ва дар ин замина ҷараёни татбиқи қонунҳои соҳавиро таҳлилу баррасӣ намоянд.

Самти дигари вакилони мардумӣ вохӯрӣ бо интихобкунандагон ва ҳалли мушкилоти онҳо мебошад. Ҳадафи асосии ин иқдом, ҳамон тавре Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода таъкид кард, «шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайгирии иҷрои дастуру супоришҳои дар сатҳи гуногун додаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаҳои муҳиму мубрами рӯз, аз ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ, вусъати корҳои саҳроӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишт, захираи дусолаи маҳсулоти хӯроквории ниёзи аввалия, сарфаю самаранок истифода бурдани неруи барқ ва пардохти саривақтии маблағи он, аз даст надодани ҳушёриву зиракии сиёсӣ дар замони пуртаҳаввули ҷаҳони муосир, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ ва равияҳои ифротӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, татбиқи бемайлону риояи ҳамаҷонибаи талаботи қонунҳои миллии кишвар - қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин омодагию ҳиссагузориҳо барои дар сатҳи лозимӣ истиқбол намудани ҷашни дарпешистодаи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳоят, дар доираи ваколату салоҳиятҳо мусоидат кардан дар ҳалли мушкилот мебошад».

Бамаврид аст аз ҳамкориҳои судманди Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ёдовар шавем. Тавре аз гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти фаъолияти Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» бармеояд, «дар ин давра аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳамбастагӣ бо узви Маҷлиси миллӣ 17 лоиҳаи қонун таҳия ва пешниҳод шуда, вакилони Маҷлиси намояндагон дар пешниҳоди 48 лоиҳа иштирок карданд». Дар гузориши мазкур Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода аз он қаноатмандӣ кард, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қонунҳоеро қабул намуданд, ки дар таҷрибаи қонунгузории мамлакат бори нахуст мебошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз намунаи олии он ба ҳисоб меравад. Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст. Ба қавли Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода, «то қабули қонуни мазкур вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолият дар самти тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, муайян кардани мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин соҳа, тақсимоти вазифаҳо дар байни мақомоти баамалбароварандаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ва муайянсозандаи масъулияти онҳо санади қонунӣ қабул нашудааст».

Дар маҷмӯъ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро дар асоси усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, волоияти қонун, ошкорбаёнӣ, дастаҷамъӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба роҳ мондааст. Ба зиммаи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти азим вогузор буда, ҳамон тавре ки Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Вакилон бояд намунаи поквиҷдонӣ ва садоқат ба Ватану миллат бошанд ва дар сафи пеши мубориза бо ҳама гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ қарор дошта бошанд».

### ХУЛОСА

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки на ҳама дар бораи салоҳият, ваколат, махсусият ва назокатҳои мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат маълумоти кофӣ доранд. Ин аст, ки дар воситаҳои ахбори омма чун сухан дар бораи парлумон равад, баъзан андешае баён мегардад, ки «Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонунҳои аз ҷониби Ҳукумат пешниҳодгардидаро бидуни баррасӣ ва муҳокимаю баҳс қабул менамояд». Боиси нигаронист, ки ин назари билкулл хато чун хулосаи ниҳоӣ ба мардум таҳмил мешавад.

Бояд мадди назар дошт, ки то ба Иҷлосияи Маҷлиси намояндагон дилхоҳ лоиҳаи қонун дар марҳилаҳои гуногун, аз ҷумла, сатҳи кумита, ҷаласаи васеи кумитаи масъул ва Шӯрои Маҷлиси намояндагон мавриди баррасии амиқу доманадор қарор мегирад. Дар ин раванд лоиҳа аз ҳама ҷиҳат, бо назардошти пешниҳодоти вакилон, такмил меёбад ва дар сурати ба талабот ҷавобгӯ набуданаш, бозпас гардонида мешавад. Ба ҳайси корманди рӯзномаи парлумонӣ шоҳиди ҳол будам, ки ба як лоиҳаи қонун аз ҷониби вакилон то 300 таклифу пешниҳод ироа гардид, ки қисмати зиёдаш аз ҷониби субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ қобили қабул дониста шуд. Вале ашхоси ҳангоматалаб аз ин марҳилаҳо бехабаранд. Онҳо, ҳамчунин, намедонанд, ки рисолати ду зинаи парлумон мутобиқи талаботи қонуни конститутсионӣ муайян шудааст ва амалӣ намудани «орзуҳои мушкил»-и эшон ваколат ва рисолати аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон нест.

Нафарони аз рӯйдодҳои ҷаҳони муосир огоҳ хуб медонанд, ки фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ аз самтҳои афзалиятнок дар умури давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Аз фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҳар як давлат, роҷеъ ба дараҷаи демокративу муосирӣ ва тамаддуннокии он баҳо дода мешавад. Хоса, дар шароити кунунӣ, ки бархӯрди манфиатҳо беш аз пеш шиддат ёфта истодааст, масоили ба тавсеаи фаъолияти қонунгузорӣ ва мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқӣ рабтдошта сатҳу сифати навро касб намудаанд.

Тааҷҷубовар аст, ки баъзе ба ном коршиносон парлумонҳои пурмоҷарои дигар кишварҳоро намунаи ибрат нишон медиҳанд. Парлумонҳои пурхархашаеро, ки ба «шарофаташон» кишварҳои воҳид ва аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта ба давлатҳои пароканда табдил ёфтанду иқтисодиёташон фурӯ пошид. Қисме аз ҳудуди чунин давлатҳоро давлати дигар бидуни парронидани тире ба қаламраваш «ҳамроҳ» намуду дар манотиқи дигар задухӯрд идома дорад. Ба назар мерасад, ки баъзе «коршиносон» ин паҳлуи масъаларо намедонанд ё нодида мегиранд. Агар амиқтар масъаларо мавриди пажӯҳиш қарор диҳем, «сабаб»-ҳои «фаъол» будани вакилони парлумони кишварҳое, ки як идда журналистону коршиносони мо намуна арзёбӣ менамоянд, маълум мегардад.

Бегуфтугӯ, аз замони таъсис парламенти мамлакат дар сохтори ҳокимияти давлатӣ мақоми хоса дошта, барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешрафти давлат, такмили фаъолияти қонунгузорӣ ва таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ саҳми муносиб гузошта истодааст. Муҳим он аст, зимни баррасии масъалаҳои ба парламент воридгардида, тамоми махсусияти фаъолияти намояндагӣ ва қонунгузорӣ ба назар гирифта мешавад.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

**Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои эҳё ва рушди китобдорӣ тадбирҳои муассир андешида шуданд. Қабули қонун ва даҳҳо барномаҳои соҳавӣ, ки ба пешрафти кори китобхонаҳо ва тарғиби китоб равона карда шудааст, аз таваҷҷуҳи хосаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин соҳаи муҳими маърифат дарак медиҳад. Бунёд ва мавриди истифода қарор додани бинои нави Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» бешубҳа аз дастовардҳои арзишманд маҳсуб меёбад. Ин қасри бошукӯҳ имрӯз ба маркази бузурги илму фарҳанг табдил ёфта, зеби Душанбеи ободу хуррам гардидааст. 4-уми сентябри соли 2007, ҳангоми суханронӣ дар гузоштани хишти аввали бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлили «Рӯзи китоб»-ро эълон карданд, ки ҳар сол дар остонаи Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ қайд карда мешавад. Хабарнигори рӯзнома бо директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ», доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ҷумахон Файзализода ҳамсуҳбат шуд:**



# НИГАРОНӢ АЗ БЕЭЪТИНОИИ МАСЪУЛИНИ НАШРИЯҲО БА МУҚАРРАРОТИ ҚОНУН

**- Нақши китобхонаро дар ташаккули ҷомеа чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Китобхонаҳо дар ҷомеаи башарӣ ба сифати маркази маърифатафзо ва фарҳангпарвар эътироф шуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳон торафт ба ин боргоҳи муқаддас меафзояд.

Дар набардҳои фарҳангӣ Китобхонаи миллӣ ба ҳайси бузургтарин махзани маърифатӣ корҳои муҳимро ба анҷом мерасонад. Нақши Китобхонаи миллӣ ҳамчун китобхонаи бонуфузи мамлакат дар он зоҳир мегардад, ки дорои тарҳи зебо ва имкониятҳои васеъ мебошад. Дар он 25 толори хониш бо 1500 ҷойи нишаст мавҷуд буда, ҳар рӯз ба ҳисоби миёна, ба беш аз 1500 хонанда хизмат расонида мешавад. Бинобар афзоиши теъдоди хонандагон моро зарур омад, ки толорҳои иловагӣ ташкил кунем. Толорҳои китобхона аз ҷиҳати рӯшноӣ, таъмини мизу курсиҳо, ҳавои муътадил дар фаслҳои гуногуни сол ва реҷаи фаъолият (аз соати $08^{00}$ то $20^{00}$) ба меъёрҳои байналмилалии соҳаи китобдорӣ ҷавобгӯ мебошад. Оид ба сифати хизматрасонӣ соле ду маротиба назарсанҷӣ гузаронида мешавад. Дар натиҷа собит гардид, ки дар муассиса сатҳи хизматрасонӣ ба истифодабарандагон хуб ба роҳ монда шудааст.

**- Донишҷӯёни замони шӯравӣ барои китобхонӣ навбат мепоиданд ва он то нимашаб аз хонанда пур буд. Имрӯз чӣ?**

- Шароит ва имконияти китобхонаи собиқ аз бинои нави китобхона ба куллӣ фарқ дорад. Қаблан дар мавриди ташкили толорҳои иловагӣ дар китобхона ишора кардем. Агар китобхона хонанда намедошт, зарурати ташкили толорҳои иловагӣ пеш намеомад. Илова бар ин, дар шароити имрӯза аксарияти муассисаҳои таҳсилоти олию миёнаи касбӣ китобхонаҳои дорои адабиёти зарурӣ ва технологияи муосири иттилоотӣ мебошанд, ки ин омил низ ба раванди ташрифи хонандагон ба китобхона таъсири муайян мерасонад. Муҳимтар аз ҳама, ҳоло бисёр хонандагон китобро аз сомонаи китобхона дастрас ва истифода менамоянд.

Дар қисми 5-и «Оинномаи Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» омадааст: «Китобхона ҳамчун объекти дорои арзиши махсуси мероси фарҳангии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигоҳдорандаи миллии ҳуҷҷатҳо ва бойгонии матбуоти миллӣ, маркази аҳамияти ҷумҳуриявидоштаи илмӣ - таҳқиқотӣ, илмӣ - иттилоотӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои дарёфти иттилоот, истифодаи фондҳои китобхона ва дастрасии озодона ба комёбиҳои илмӣ ва фарҳангии ҷаҳонию миллӣ таъмин менамояд». Аз ин нуктаи назар метавон хулоса намуд, ки аҳли Китобхонаи миллӣ рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро карда истодаанд.

**- Барои тарғиби ганҷҳои ин махзани маърифатӣ ва ҷалби хонандагон ба китобхона чӣ тадбир андешида мешавад?**

- Дар тарғиби хазинаи боргоҳи мазкур сомонаи расмии Китобхонаи миллӣ нақши муҳим мебозад. Сатҳу сифати матолиби сомона дар қиёс бо шумораи зиёди сомонаҳои расмии амалкунандаи кишвар беҳтар мебошад. Дар баробари ин, барои ҷалби бештари хонандагон тадбирҳои мушаххас андешида мешавад. Масалан, дар арафаи «Рӯзи китоб» ва ҷашни Истиқлолияти давлатӣ ҳар сол аксияи «Ҳама ба китобхона меравем» дар ҳудуди шаҳри Душанбе доир мегардад. Ин тадбири муҳим дар баробари маъракаи «Дарҳои боз» барои ҷалби бештари хонандагон ба ин махзани илму адаб мусоидат мекунад. Илова бар ин, буклетҳо ва варақаҳои таблиғотию ташвиқотӣ ба ҳар як хонанда пешниҳод мегардад. Барои ҳар чӣ бештар ҷалб гардидани хонандагон ба китобхона шуъбаи тарғиб ва барномаҳои фарҳангии муассиса тадбирҳои мушаххас андешида, барномаю лоиҳаҳои навро таҳия кардааст. Дар доираи мубодилаи байналмилалии китоб бо китобхонаҳои гуногуни мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо китобхонаҳои 28 давлати ҷаҳон, ҳамкорӣ ва мубодилаи китобӣ дорем. Байни Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва 20 китобхонаи хориҷӣ Ёддошти тафоҳум амал мекунад.

**- Норасоии мутахассисон аз мушкилоти рӯз аст...**

- Дар Китобхонаи миллӣ мутахассисони соҳаи китобдорӣ 123 нафарро ташкил медиҳанд. Эътироф менамоем, ки ин шумора нисбат ба кормандони ғайриихтисос кам аст. Айни замон шуъбаи таҳсилот ва инноватсияҳои китобдории китобхона барои баланд бардоштани савияи донишҳои касбии кормандони китобхона ва дигар китобхонаҳои мамлакат пайваста курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро ташкил карда истодааст.

**- Дар бораи ганҷинаҳои пурарзиши ниёгон, яъне китобҳои қадимае, ки дар китобхона маҳфузанд, маълумот медодед.**

- Шароиту имконият ва иқтидори Китобхонаи миллӣ барои ҳифзу нигоҳдории ҳама навъи манбаъ, махсусан дастхат ва дигар маводи чопӣ созгор мебошад. Ҳанӯз аз ибтидои таъсис кормандони китобхона ба масоили гирдоварӣ, таҳқиқ, тарғиб ва ҳифзи нусхаҳои хаттӣ ҳамчун ганҷинаи нотакрори фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Интиқоли аввалин маҷмӯи дастхатҳои нодир моҳи майи соли 1933 аз тарафи Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии назди Комиссариати маорифи халқии Тоҷикистон ба Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ сабаб гардид, ки баъд аз як сол аниқтараш, соли 1934, дар асоси ин нусхаҳо дар сохтори китобхона шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодир ба фаъолият оғоз кунад. Ҳадафи асосии он, қабл аз ҳама, ҷамъоварӣ, коркард, таҳқиқ, ҳифз ва нигоҳдории нусхаҳои нодири хаттӣ ва китобҳои чопи сангӣ буд. Дар шуъба айни ҳол 2682 нусхаи хаттӣ мавҷуд аст. Дар маҷмӯъ, 457 дастнависро китобҳои таърихӣ ва адабии назмию насрӣ ташкил медиҳанд. Оид ба қисми зиёди китобҳо, маҷмӯаҳо ва асноди таърихӣ, ки дар шуъба нигоҳдорӣ мешаванд, чашми таҳқиқу пажӯҳиш сурат нагирифтаст.

Айни замон дар фонди шуъба дар радифи китобҳои чопи сангӣ ва муосир асарҳое, ки дар асрҳои XIII-XIX китобат шудаанд, маҳфузанд. Аз ин қабил метавон «Таърихи Табарӣ ё таърих-ур-русул вал мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, «Девон»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Тӯҳфат-ул-аҳрор» ва «Фавоиди зиёия»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Чаҳор унсур»-и Абдулқодири Бедил, «Захират-ул-мулк»-и Шаҳобиддини Ҳамадонӣ, «Авроди фатҳия ва ганҷ-ул-ошиқин»-и Амир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар осори қаламии нобиғагони Шарқро ном бурд. Ин нусхаҳои хаттӣ ба унвони муқаддастарин арзишҳо ва мероси нотакрори ниёгон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти низоми махсуси ҳифзу нигоҳдорӣ ва истифодабарӣ дар шуъбаи мазкур маҳфузанд.

**- Китобхонаи миллӣ ба дигар китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои мамлакат ёрии методӣ ва дигар кумакҳо мерасонад?**

- Бале, тибқи оинннома ин яке аз самтҳои дигари фаъолияти китобхона ба ҳисоб меравад. Дар китобхона маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ ва шуъбаи илмӣ-методӣ ва таҳқиқотӣ амал мекунанд, ки навтарин дастовардҳои соҳавиро меомӯзанд, коркард мекунанд, дар шакли китобу дастурҳо нашр месозанд ва ба китобхонаҳои вилоятию шаҳрӣ, ноҳиявию ҷамоатӣ ҳамчун кумаки методӣ пешкаш менамоянд. Ду соли охир ҳайати мутахассисони китобхона ба шаҳру навоҳии мамлакат сафарҳои хизматӣ анҷом дода, ба кормандони китобхонаҳои минтақавӣ машваратҳои методӣ, дастурҳои илмӣ-методӣ, библиографӣ доир ба санаҳои муҳими расмию миллӣ, китобномаҳои шарҳиҳолии адибон ва дигар маводи зарурии тахассуси китобдорӣ расониданд. Китобхона ҳамзамон барои такмили ихтисоси кормандони китобхонаҳои оммавии мамлакат такмили ихтисоси соҳаи китобдориро ба таври ройгон роҳандозӣ намуда, дар машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос муҳимтарин масъалаҳои соҳаи китобдорӣ ва навтарин дастовардҳои соҳаи китобдории кишвар ва ҷаҳонро меомӯзонад.

**- Имрӯз ин махзани бузург аз кадом ҳисоб пурра мегардад ва оё тартиби ворид шудани нусхаҳои ҳатмӣ риоя мешавад?**

- Дар сохтори Китобхонаи миллӣ шуъбаи мукаммалгардонии фонд фаъолият дорад, ки мақсад ва ҳадафи асосии он такмили фонди асосӣ ва фондҳои ёрирасони китобхона буда, мувофиқи соҳа пуркунии ҷории фонди адабиёти ватаниро бо истифодаи сарчашмаҳои гуногун (нусхаи ҳатмии ройгон, обуна ба маҷаллаю рӯзномаҳои ватанию хориҷӣ, хариди ҳуҷҷатҳо, туҳфа аз шахсони алоҳида, сафорату ташкилотҳои соҳавӣ) амалӣ мегардонад. Яке аз манбаъҳои асосии пуррагардонии фонди китобхона ин қабули ҳуҷҷатҳои ройгон ва ё боргирии нусхаи ҳатмии адабиёт мебошад. Дар заминаи нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳои ба китобхона воридгардида коркарди библиографӣ ва таҳияи омори матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Дар шашмоҳаи аввали соли 2023 аз нашрия ва шахсони алоҳида, дар умум, 3620 нусха адабиёт ва дигар маводи чопӣ ба муассиса ворид шудааст.

Гирдоварӣ ва бақайдгирии нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳо дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» (№792, 26-уми декабри соли 2011) ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯйи гирандагони нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо» (№453, 31-уми августи соли 2012) амалӣ мегардад. Мутаассифона, баъзе аз нашрияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи қонуни мазкурро риоя намекунанд. Ин танҳо мушкилоти Китобхонаи миллӣ набуда, ба тамоми муассисаҳои гирандаи нусхаҳои ҳатмӣ дахл дорад.

Кормандони соҳаи матбуот, бахусус, роҳбарони нашриёту матбааҳоро зарур аст, нусхаҳои ҳатмии китобҳоро ба Китобхонаи миллӣ супоранд, ҳамеша дар робитаю ҳамкории пайваста бошанд ва ин робитаю ҳамкориҳо бо пешравии кори муассиса, аз ҷумла ғанӣ гардидани фонди Китобхонаи миллӣ ва фаъолияти босамари бойгонии матбуоти даврии он, мусоидат хоҳад кард.

**Мусоҳиб Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**



# СОМОН МАҲМАДБЕКОВ - ҚАҲРАМОНИ БОЗИҲОИ ОСИЁӢ

**Паҳлавони номдори тоҷик Сомон Маҳмадбеков дар Бозиҳои 19-уми тобистонаи осиёӣ, ки дар шаҳри Ханжоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷараён дорад, дар риштаи ҷудо, дар вазни то 81 килограмм медали тилло ба даст овард.**

Номбурда варзишгарон аз Фаластин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Қазоқистон-Муайяд Звайб, Асад Масобиров ва Абулайхан Жубаназарро мағлуб намуда, ба финал роҳ ёфт ва дар финал бо шикаст додани варзишгари Кореяи Ҷанубӣ Ли Ҷунван ғолиби мусобиқа ва сазовори медали тилло гардид.

Ёдовар мешавем, ки Бозиҳои осиёӣ аз 23-юми сентябр то 8-уми октябри соли равон дар шаҳри Ханжоуи Ҷумҳурии Мардумии Чин доир гардида, дар он варзишгарони 45 давлати Осиё иштирок менамоянд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 118 варзишгар дар 19 навъи варзиш қувваозмоӣ мекунад. Дар рӯзҳои аввали баргузории Бозиҳои осиёӣ дастаи мунтахаби Тоҷикистон се медал ба даст овардаанд. Медали аввалро, ки биринҷӣ аст, паҳлавони номдори тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода дар риштаи ҷудо ба даст овард. Ӯ дар вазни то 73 килограмм варзишгари филиппинӣ Накано Кейсей ва қазоқистонӣ Дониёр Шамшаевро шикаст дода, дар даври ниманиҳоӣ аз варзишгари ҷопонӣ Соичи Ҳашимото мағлуб шудааст. Беҳрӯз Хоҷазода барои нишони биринҷӣ муборизаро давом дода, бо мағлуб кардани варзишгар аз Ҷумҳурии Мардумии Чин онро сазовор шуд.

Инчунин, паҳлавони дигари номдори тоҷик Темур Раҳимов соҳиби медали нуқра гардид. Ӯ дар вазни +100 килограмм паҳлавонон аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Кореяи Ҷанубиро мағлуб карда, дар финал аз варзишгари Имороти Муттаҳидаи Араб шикаст хӯрд ва бо медали нуқра сазовор дониста шуд.

**Шариф СОЛЕҲ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417983 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.10.2023 15:00:00 |
| 2 | 417978 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №124-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ангишт, ҳезум ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 02.10.2023 15:20:30 |
| 3 | 417974 | Муассисаи давлатии «Хона - интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 12.10.2023 15:15:15 |
| 4 | 417975 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №15»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯроквορӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 49 | 12.10.2023 15:15:15 |
| 5 | 417976 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қисми ҳарбии 0214-и Отряди сарҳадии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (бинои ошхона - барҳам додани бом, блоки дару тиреза, девори хиштӣ, таҳкурсии бетонӣ, насби тахта ва мустаҳкам намудани сутунҳои таъиноти гуногун) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.10.2023 15:15:15 |
| 6 | 417977 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қисми ҳарбии 0214-и Отряди сарҳадии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (бинои гараж - барҳам додани бом, блоки дару тиреза, девори хиштӣ, таҳкурсии бетонӣ, насби тахта ва мустаҳкам намудани сутунҳои таъиноти гуногун) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.10.2023 15:15:15 |
| 7 | 417979 | Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» | Барномаҳои касбии таъминоти компютерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 12.10.2023 15:30:00 |
| 8 | 417981 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ»-и шаҳри Истаравшан | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 12.10.2023 15:40:40 |
| 9 | 417980 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | Баннер, лаълиҳои туҳфавӣ, нишони сарисингӣ, блокнот, хома ва футболка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 12.10.2023 15:45:00 |
| 10 | 417982 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ, канселярӣ, сантехникӣ, барқӣ, таҷҳизоти техникии идоравӣ, техникаи маишӣ, пойафзол ва сарулибоси корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 122 | 12.10.2023 16:15:00 |
| 11 | 417984 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Контроллер, адаптер барои сервер ва ноқили HDMI | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 12.10.2023 16:30:18 |
| 12 | 417986 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Хуросон | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 12.10.2023 16:40:15 |
| 13 | 417987 | Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвонот»-и шаҳри Душанбе | Корҳои сохтмонӣ дар ҷойи нигоҳдошт барои муши обӣ, қашқалдоқ ва рӯбоҳ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.10.2023 16:50:00 |
| 14 | 417989 | Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмири Қасри фарҳанг дар ноҳияи Панҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.10.2023 16:50:10 |
| 15 | 417991 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (корҳои рӯйпӯшкунии майдон бо сангҳои хоро ва корҳои чароғонкунии ҳудуди осорхона) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2023 08:35:35 |
| 16 | 417992 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Таъмир ва хизматрасониҳои техникии плитаи барқӣ, насос, вентил, кран, зарфи металлӣ ва таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 13.10.2023 08:45:55 |
| 17 | 417993 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавсозии «Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров» (корҳои рӯйпӯшкунии майдон, пояҳайкал ва фаввора бо сангҳои хоро, корҳои ороишӣ ва барқтаъминкунии фаввора ва кабудизоркунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2023 08:55:55 |
| 18 | 417994 | Муассисаи давлатии «Кумаки авалияи тиббӣ-санитарӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Сохтмони бинои бунгоҳи тиббӣ»-и Гулисой дар Ҷамоати деҳоти Лоҳур | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2023 09:00:00 |
| 19 | 417959 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 13.10.2023 10:50:00 |
| 20 | 417990 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 13.10.2023 11:05:00 |
| 21 | 417997 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи Одина Назаров»-и ноҳияи Муъминобод | Хӯроквορӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 13.10.2023 11:18:09 |
| 22 | 417998 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Кӯлоб | Таҷҳизоти идоравӣ ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 13.10.2023 11:24:30 |
| 23 | 417999 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи политехникии Донишгоҳи давлатии Данғара» | Чоп ва насби лавҳаҳо дар бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 13.10.2023 11:30:37 |
| 24 | 417996 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Корҳои таъмирӣ дар истироҳатгоҳи «Арху»-и МДИ-и «Сомон»-и МИҲД шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.10.2023 11:31:55 |
| 25 | 418000 | Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мошини бензинии алафдаравӣ, мебели идоравӣ, насоси обкашӣ, телефони мобилӣ, таҷҳизоти хонагӣ ва офисӣ, парда,молҳои хоҷагидорӣ канселярӣ, курсии офисӣ, қолин, кондитсионер, стенди телевизор ва қолини роҳрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 13.10.2023 14:10:00 |
| 26 | 418002 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Балон, аккумулятор ва қисмҳои эҳтиётии тракторҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 13 | 13.10.2023 14:55:00 |
| 27 | 417995 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Молҳои сантехникӣ, барқӣ, масолеҳи сохтмонӣ, рангҳои равғандор, моеи тунуккунандаи рангҳо, таҷҳизоти техникии идоравӣ, насосҳои обкашӣ, гипохлориди калсий ва асбоби дастӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 85 | 13.10.2023 16:16:16 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

